# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон таҳти унвони «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Дар шароити кунунии ҷамъияти иттилоотии муосир, ки самти он ба башардӯстона гардонидани тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъият нигаронида шудааст, дар омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик мубрамияти махсусро касб намудааст. Мубрамияти омӯзиши ин фанни таълимӣ дар он мебошад, ки тавассути омӯзиши он шахсияти дорои сифатҳои худбаҳодиҳии воқеъӣ, дорои қудрати эҷоди таърихӣ, маҳорати майл пайдо намудан дар басёршаклии ахбор ва саривақт коркард намудани он дар доираи имкониятҳои мавҷуда омода карда мешавад.

Инсони шакли нав, бояд қодир бошад, ки бойигариҳои маънавии ҷамъиятро офарад, дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъият фаъолона ширкат намояд, аз бисёри ҷиҳат бо иқтидору тавоноии хеш дар муттадил намудани вазъияти бавуҷудомада мусоидат намояд.

Барои Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии сермиллат, баҳри нигоҳ доштани дӯстию ҳамдигарфаҳмии (консолидатсияи) миллатҳои дар он истиқоматдошта, ташаккул додани маърифати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик ниҳоят муҳимият пайдо намудааст.

Баъди ба фаъолият оғоз намудани Ҳукумати нави кишвар баъди ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-ум бо Сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раванди таназзули кулли самтҳои хоҷагии халқи мамлакат, аз ҷумла соҳаи маориф боздошта шуда буд. Таҳти дастуру ҳидоят ва Сарварии роҳбари халқпарвар ва маорифпарвари кишвар дар ин маврид ҳуҷҷатҳои муҳими давлатию соҳавӣ қабул гардидаанд, ки муҳити носолими ҷомеаро тағйир дода, мардумро баояндаи дурухшон дилпурона қадам задан умед бахшид. Дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ санадҳои меъёрию ҳуқуқие ба тасвиб расониданд, ки соҳаи маорифро ба талаботи ҷомеаи муосир мутобиқ сохтанд. Қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи мактаби миллӣ, Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳити ҷомеа ва ҳам муҳити ҷабҳаи маорифи кишварро дигаргун сохта, мардумро ба созандагӣ ва ободкорӣ ҳидоят намуд.

Аз ин рӯ, ба масъалаи таҳқиқи заминаҳои илмии унвонҷӯй Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон таҳти унвони «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ – маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Воқеан, таҳқиқоти Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон бо тозагии мавзӯй таҳқиқ дар педагогикаи имрӯза арзиши муҳимме дошта, аҳамият ва зарурати омӯзиши мавзӯи таҳқиқот мавриди назар таъкид гардидааст. Муаллиф ба таври васеъ ташаккул додани сифатҳои ахлоқию маънавии таҳсилоти миёнаи касбиро дар шароити муосир, дар ҳолати инкишоф, устуворшавии муносибатҳои байналхалқии давлати мо бо дигар давлатҳо, моҳияти махсусро баррасӣ намудааст.

Таърихи халқи тоҷик ҳамчун фанни таълимӣ ба таҳсилоти умумии донишҷӯён таъсир расонида, иқтидори онҳоро ба донистани асрори олам такон мебахшад, ки он раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷикро таҳқиқ намудааст. Аз ҳама муҳим, дар донишҷӯён ташаккул додани дониши муайян, истифода бурдани он дар ҳолатҳои зарурӣ, баровардани хулосаҳои мустақилона, ҳалли масъала дар ҳолати ғайрианъанавӣ ва мустақилона пурра гардонидани дониши хеш, ташкил додани фаъолияти андешаронии хеш муҳим мебошад.

Пас аз байн рафтани давлати абарқудрати Шӯравӣ ва солҳои нобасомониҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун фанни ҷудогонаи таълимӣ арзи вуҷуд намуд. Асоси таърихи халқи тоҷикро таърихи гӯшае ичро менамояд, ки дар ҳудуди он ҷумҳурии имрӯза мавқеъ гирифтааст.

Сохтори таҳқиқот аз муқаддима, 2 - боб, 6 - зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти илмӣ ва замимаҳо иборат буда, тарҳрезии он дуруст ба роҳ монда шудааст. Матни рисола 163 саҳифаи чопи компютериро фарогир аст. Дар таҳқиқот 4 ҷадвал ва 9 диаграмма мавҷуд аст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро ифода кардааст. Ҳар як бобҳои таҳқиқот бо меъёри замонбандӣ ҷараён гирифта натиҷагирӣ шудаанд.

**Боби аввал** «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» унвон дошта, 3 - зербобро дар бар мегирад.

**Дар фасли якуми боби якум** «Ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамчун мушкилоти педагогӣ» ном дошта, ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ яке аз самтҳои муҳимтарини назариявӣ ва амалии на танҳо илми педагогика, балки аксари илмҳо ба шумор меравад, ки муаллиф дар ин мавзӯъ муфассал изҳори назар кардааст.

. **Муаллиф дар зерфасли дуюми боби аввал** *Мавқеи стандарт, барнома ва китоби дарсӣ дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аст.* Салоҳиятнокӣ - ин таҳсилоти самаранокест, ки дар натиҷаи он хонанда ё донишҷӯ ба маҷмӯи салоҳиятҳои иттилоотӣ - маърифатӣ соҳиб гашта, онро дар ҳаёти мустақилона бобарор татбиқ менамояд ва дар тарбияи маънавии шахс ба хубӣ мушоҳида мешавад, ки аз таҳлили амиқи матлабҳо ва чараёни дурусти масъалагузорӣ аст дар рисола дарак медиҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон аз 26.12.2019 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, таъкид менамоянд: *«Арзиши илмии таҳқиқоти бунёдии асари «Тоҷикон», ки аз ҷониби Бобоҷон Ғафуров тавассути заҳматҳои бисёрсола анҷом дода шудааст, моро бо олами пурҷилои таърихи миллатамон шинос менамояд»*. ки бешубҳа арзиши баланди тарбиявӣ дорад ва дар шароити муосири ҷаҳонишавии таҳсилот, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, фаъолона ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии донишҷӯён тавассути дарсҳои таърих ва таърихи пурғановати миллати тоҷик таъсир расонида, тарбияи маънавӣ - ахлоқии онҳоро тавоно гардонида, буҳрони маънавиро аз ҷомеа дур месозанд таҳлили амиқ намудааст.

Дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳар чи бештар ба он равона карда мешаванд, ки аз раванду ҳодисаҳо далелҳоро мустақилона ҷустуҷӯ ва пайдо намуда метавонанд. Фанни таърихи халқи тоҷик дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ як хел омӯхта намешаванд, аммо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ масъала тамоман дигар хел сурат гирифтааст, унвон додааст бо сатҳи баланди касбӣ корбаст гардидаанд, ки арзиши илмӣ ва назариву амалии рисоларо дучанд кардааст.

Ҷанбаҳои гуногуни педагогии проблемаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ифодаи хешро дар корҳои илмии олимони хориҷа: В.Х. Альфонсов [2, с. 18]., Л. С. Выготский [21, с. 27], Л. А. Гордон [25, с. 41-51], А. Г. Ковалев [42, с. 50-70], Г. И. Щукина [116, с. 223]., А. Г. Ковалев [42, с. 50]., М. Шайхов [110, с. 28] ва олимони

тоҷики соҳаи - таърихи педагогика дар навбати аввал мехостам монографияи академик М.Р Раҷабова [70, с. 180]., Х.С. Афзалов [123, с. 110]., Ходжимухамедова. Р. И., Шукурова. М. Р., Арипова М., Хамидов. Р. Я., Абасов З.А. [1, с. 16]., Каримова. И. Х [112]., Рахимов. Б. Р., Кадыров. К.Б., Ревазов В. Ч [74, с. 21]., Латыпов Д. Н., дигар диссертатсияҳои номзадӣ ва доктории илм шуда метавонанд ва дигаронро таҳлил карда, муаллиф онро яке аз масъалаи муҳими таҳқиқот мешуморад, ки дуруст мебошад.

Муаллиф **зербоби сеюми боби якуми** таҳқиқотро «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касби» - и самти омӯзгорӣ барои фаъолияти касбӣ асоснок гардонида шудааст. Дар зери мафҳуми шароитҳои педагогӣ мувофиқи луғати энсиклопедии фалсафӣ, «он аз чӣ вобаста мебошад, чӣ мавҷудияти ашё, ҳолат, ҷараёнро ошкор менамояд фаҳмида мешавад. Пурзӯр намудани омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ дар ҷараёни омодагии касбӣ ифодаи хешро дар нақшаҳои таълимӣ, Стандарти давлатӣ, барнома ва китобу дастурҳои таълимӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ пайдо намуда метавонад». басо назаррас арзёбӣ мегардад, оварда шудааст.

**Дар зербоби чоруми боби дуюм** - сухан дар бораи «Таълими таърихи халқи тоҷик - яке аз омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи лаёқат, қобилият ва маърифати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» меравад.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022 омадааст: *«Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хуруфот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад».*

Бо ёрии таърихи халқи тоҷик, махсусан таърихи халқи хеш, омӯзгор метавонад дар донишҷӯён шахсияти дорои сифатҳои баланди демократиро ташаккул диҳад, донишҷӯён тавассути омӯхтани манбаю сарчашмаҳои таърихӣ тафаккури танқидиашон ташаккул ёфта, хатоҳои гузаштаю имрӯзаро иброз намуда, донишҷӯро ба андешаронии танқидӣ, ҳақиқатҷӯӣ водор намуда, ба хулосабарорӣ рӯ ба рӯ намуда, тавоноии маърифатиро ташаккул диҳад. маълумотҳои ҷолиб оварда, интишор додааст.

Аз таҳлил ва хулосаи фаъолияти илмию амалӣ дар мавзӯи тадқиқотии муаллиф далелноккунӣ Дар навбати дигар, бо мақсади гузаштан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот аз низоми анъанавӣ ба низоми кредитии таҳсилот ва дертар

ба фазои таҳсилоти фосилавӣ ворид гардиданд, ки мақсади асосии он баланд бардоштани сифати таълим ва омодагии кадрӣ мебошад.

Аз таҳқиқот бармеояд, ки барномаҳои амалкунандаи фанни таърихи халқи тоҷик бо назардошти тарбияи ахлоқию маънавӣ пайдарҳам аз бар намудани дониш, маҳорат ва малака аз ҷониби донишҷӯ зери роҳбарии омӯзгор мебошад. Аз ин мебарояд, ки барои ба даст овардани дараҷаи баландии эҷодӣ ва фаъолияти марифатӣ донишҷӯён, дар низоми анъанавӣ навгониҳои педагогӣ ворид намуда, хусусиятҳои маъмурӣ ва фармонфармоиро берун намуда, ҳамкориро бештар ворид намудан зарур мешуморанд ва таҳия гаштаанд дар раванди пажӯҳиш ба онҳо такия намудааст.

Таҳқиқоти унвонҷӯ нишон медиҳад, ки аз соли 2004 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз сохтори пешина техникум, ба Коллеҷ табдил пазируфта, сохторашон ба кулӣ тағйир дода шудааст. Дар навбати дигар, бо мақсади гузаштан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот аз низоми анъанавӣ ба низоми кредитии таҳсилот ва дертар ба фазои таҳсилоти фосилавӣ ворид гардиданд, ки мақсади асосии он баланд бардоштани сифати таълим ва омодагии кадрӣ мебошад. Ва ба назар гирифтани хусусиятҳои иҷтимоиву синнусолии хонандагон ва аз худ намудани методи мустаҳкамкунии сатҳи маърифатии хонандагон дар замони муосир муҳим аст, изҳори назар менамояд.

**Дар зербоби панҷуми боби дуюм,** сухан дар бораи - «Омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯён дар раванди дарсҳои таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» меравад. Донишҷӯён, дар ҷараёни гузаронидани дарси таърихи халқи тоҷик, бояд омилҳои объективӣ ва субъективиро фарқ карда тавонанд, ки аз он сифати инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён сахт вобастагӣ дорад. Ба омилҳои объективӣ онро варид намудан мумкин аст: муносибат, роҳ, метод, тарз ва усулҳои дарсгузаронӣ, ки таъминкунандаи шароити хуби таълим, дар ташаккули тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ шуда метавонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамояд: *«Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат*

*сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад».*

**Дар зербоби шашуми боби дуюм** - «Корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик» ин масъала байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва аспирантҳо фарқият ба куллӣ мушоҳида мегардад, ки бештар ба воситаҳои ахбори омма дар чунин шакл робитаманд мебошад. ва фарқияти амсилаҳо, барномаи корӣ, тайёрӣ ба гузаронидани озмоиш, ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиш фикру ақидаи олимон вобаста ба масъалаҳои мазкурро аз сарчашмаҳои луғатӣ ва илмӣ маълумотҳои санҷидашуда ва дақиқу возеҳ оварда шудааст.

Дар умум гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти анҷомёфтае, ки Дар асоси андешаҳои дар боло баёнгардида хулоса баровардан мумкин аст, ки мазмуну мундариҷаи фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ташаккул ва инкишофи шахсияти донишҷӯён, масъулият ва мустақилияти қабул намудани қарорҳо ҷойгоҳи хосаро ишғол менамояд. Сохтори таърихи халқи тоҷик ифодагари мантиқии фаъолияти амалӣ, на танҳо воситаи самараноки аз бар намудани дониш ва ташаккули маҳорат, балки пайдо намудани роҳ ва воситаи ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯён мебошад.

Хотираи фаъол, тасаввурот ва тафаккур дар ҷараёни таълимӣ-маърифатӣ инкишофи тавоноии эҷодии донишҷӯёнро таъмин намуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки инкишофи тавоноии маърифатии хешро дарк кунанд. Аз ин рӯ дараҷаи муайяни фаъолияти маърифатӣ ҷараёни муҳими ташаккул ва инкишофи тавоноии маърифатии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши таърихи халқи тоҷик мебошад ҳалли пурраи худро ёфтааст.

Боиси зикр аст, ки аз муҳтаво ва мундариҷаи таҳқиқот метавон дарёфт, ки таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷуй Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон таҳти унвони «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ – маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад. саҳифаи тозае дар илми педагогикаи муосири тоҷик хоҳад буд.

Дар канори дастовардҳо дар таҳқиқот баъзе лағзишҳои фикрӣ ва иштибоҳо ба назар мерасад, ки ба назари эътибор гирифтани онҳо боиси тамомияти ҳусни таҳқиқот хоҳад буд:

1. Дар анҷоми баъзе фаслу бобҳои таҳқиқот хулосаҳои мухтасар оварда шудааст.

2. Дар матни таҳқиқот хатоҳои имлоӣ ва хусусияти техникидошта вомехуранд.

3. Услуби навиштани номи муаллифони осор ва танзими феҳристи адабиёти рисола таҷдиди назар мехоҳад.

4. Агар баъзе зерфаслҳо иқтибосҳо камтар истифода бурда мешуд, аз манфиат холӣ намебуд.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикргардида хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва амалии рисолаи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмонро коста гардонида наметавонад.

Ногуфта намонем, ки аз ҷониби диссертант вобаста ба мавзӯи диссертатсия, мазмуни асосии таҳқиқотро ифода намуда, дар 9 номгӯи мақолаҳои илмӣ, ки 4 номгӯи он дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 номгӯй он дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ва 2 номгӯй дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст. Рисола ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмӣ пурра мувофиқ мебошад.

Бо назардошти мулоҳизаҳои номбурда метавон гуфт, ки диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон таҳти унвони «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ – маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогика ва психология
Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи
омӯзгории ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров" Манонова Р.А.

Имзои Р.А.Манонова ро
тасдиқ менамоям:
Сардори ШК МДТ "Коллеҷи
омӯзгории ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров" Фозилова М.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон МДТ "Коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи акад. Бобоҷон Ғафуров" ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд: Кӯчаи Репина 60
Телефон: 3422 5 9244